# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич дар мавзӯи « Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят Суғд) » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.**

Кори таҳқиқотии Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич яке аз мавзӯи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ дар марҳалаи имрӯза ташаккул додани робитаи мутақобили таълими бадеӣ бо тарбияи ахлоқӣ мебошад.

Таълими фанни санъати тасвирӣ барои ташаккули ахлоқ ва маданияти бадеии хонандагон хизмат мекунад. Мувофиқи ин яке аз вазифаҳои асосии санъати тасвирӣ, пеш аз ҳама, рушди завқи зебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, шавқи эҷодӣ, тарбия намудан дар руҳияи эътиқод ба Ватан ва хоҳишҳои неки инсониро ба амал татбиқ намудан мебошад. Аз ҳамин боис, санъати тасвирӣ бояд ҷанбаи тарбиявӣ дошта бошад.

Арзиши амалии натиҷаи илмии таҳқиқот дар он аст, ки таҳияи барномаи махсуси хусусияти таълимию тарбиявӣ дошта, оид ба ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебопарастии хонандагон дар заминаи махсусияти миллии санъати тасвирии ҷумҳуриявӣ, таҳияи технологияи самараноки тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд дар дарсҳои санъати тасвирӣ, ҷамъбаст ва татбиқи таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ доир ба ин самт, муайян намудани меъёрҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастӣ, ки ба самти касб (профессиограммма)-и омӯзгори санъати тасвирӣ дохил шудаанд ифода шудааст.

Мирзабоев З. аз соли 2014 то инҷониб дар кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим фаъолият мебарад.

Мирзабоев З. аз соли 2018 ба вазифаи сармуаллимӣ сазовор дониста шуд. Дар давоми фаъолияти меҳнатӣ дар вазифаи раиси Шурои олимони ҷавонони факултетро иҷро намуда, худро ҳамчун инсони меҳнатдӯсту ғамхор нишон дода, ба супоришҳои донишгоҳиву факултетӣ ҷиддӣ муносибат намуда, онҳоро саривақт иҷро менамояд.

Мирзабоев З. ҳамеша дар раванди корҳои илмиву ҷамъиятии кафедра, факултет ва донишгоҳ иштироки фаъолона дошта, байни унвонҷӯён ва ҳамкасбонаш соҳиби обрӯву эътибор дорад.

Омӯзиши тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагон бо методикаи пешниҳод намудаи унвонҷӯ, на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи ахлоқӣ ва зебопарастӣ хонандагон имкон медиҳад, балки барои ғанӣ гардонидани ҳиссиёти рӯҳӣ ва маънавӣ, сохти завқи бадеӣ, дороияти дониши техникӣ, дар онҳо ташаккул додани малака ва маҳорат, инчунин омодагии меҳнатӣ таҷрибавиро барои меҳнат ва интихоби касб мусоидат менамояд.

Хулосаҳои назариявию амали таҳқиқоти илмии Мирзабоев З. дар мундариҷаи рисола дарҷ ёфта, автореферат мазмуни асосии рисоларо инъикос менамояд.

Мирзабоев З. дастурҳои таълимӣ- методӣ, китоби дарсӣ аз фанни “Санъати тасвирӣ” барои тарбияи насли наврас ба табъ расид ва ин нуктаҳои муҳими тадқиқоти илмӣ дар он ифода гардидаанд. Миқдори умумии мақолаҳои чопгардида 42 - то буда, аз онҳо 6 - тояш дар маҷаллаҳои нашрияҳои илмии пешбари тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва яктояш дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи Россия нашр шудааст.

Рисолаи илмии Мирзабоев З. дар мавзӯи «Нақши таълими санъати тасвирӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои 5-7 (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят Суғд)» анҷом дода шуда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи

омӯзишу парвариш (Санъати тасвирӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи
тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» — Исломов Озод Азимович

Имзои О.А Исломов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» — Ашрапова З.

**Маълумот барои тамос:**
**суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
тел. (+992)927474115. Почтаи электронӣ: univer.81@mail.ru